**“Тасдиқ мекунам”**
**Ноиби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои таърих, дотсент**
**______________Карамалишоев К.Н.**
**“ 8 ” _______11________2022 с.**

# ХУЛОСАИ

## кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст.

Изатуллозода Пайрави Нусратулло соли 2019 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намуда, аз соли 2020 то ҳол ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 29-уми сентябри соли 2022, №1 аз ҷониби Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Аз рӯи муҳокима хулосаҳои зерин қабул гардид:**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқи маъмурӣ – "Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" бахшида шудааст. Таҳқиқи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ба ҳисоб меравад. Чунки дар доираи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ таъинот, мақсад, вазифа, мавқеи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таҳқиқу баррасӣ мегарданд, ки метавонад дар рушди фаъолияти мақомоти мазкур ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мусоидат намоянд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки пайдоиш ва ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пайдоиши падидаи президентӣ дар кишвар алоқамандии зич дорад. Зеро мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зумраи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ махсуб меёбанд, ки бевосита аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам дода шуда, тобеъ ва ҳисоботдиҳанда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули низоми ҳокимияти давлатӣ ва қонунгузории кишвар заминаи муассир гузошт. Маҳз, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пайдоиши падидаи президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ гузошт, ки тибқи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия мебошад. Аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф дар ташаккули

низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши назаррас дорад.

Унвонҷӯ мубрамияти мавзӯи таҳқиқотиро чунин асоснок менамояд, ки имрӯз масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ яке аз мавзӯҳое мебошад, ки таҳқиқи амиқи илмиро талаб менамояд, зеро мақомоти мазкур барои Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нав маҳсуб гардида, таърихи начандон тӯлонии ташаккул доранд, вале ба ин нигоҳ накарда, ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас мебошад, ки омӯзиши вазъи ҳуқуқии онро мубрам мегардонад. Таърихи ташаккули мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он падидаи рушдкунанда буда, то имрӯз мавриди такмилу ислоҳоти зиёд қарор гирифтааст. Мисоли ин ислоҳотро дар зиёд гардидани шумораи мақомоти мазкур дидан мумкин аст, аз ҷумла дар давраи солҳои 2002-2020 шумораи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 мақомот ба 7 мақомот расидааст. Дар фармони Президенти ҶТ “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2002, № 853 ба низоми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мегардиданд. Минбаъд, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2010), Шӯрои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2013), Кумитаи рушди маҳали назди Прездиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015) ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2020) ба низоми мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардидаанд.

Ба замми ин, дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ оид ба мавзӯи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ пажӯҳиш бурда нашудааст. Ин аст, ки баъзе аз муаммоҳои ба масъалаи ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкур алоқаманд норавшан боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, маҳз таҷрибаи ҷадиди мавҷудияти ин падида ва мавҷуд набудани пужӯҳиши илмӣ дар ин самт боиси он гардидааст, ки вобаста ба унсурҳои алоҳидаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳсҳо ба вуҷуд омада, ҳалли масоили ҷойдоштаро дар ин самт мубрам гардонад.

Дар рисола масъалаҳои гуногуни ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон марбута, аз ҷумла мафҳум ва хусусиятҳои мақомоти мазкур, давраҳои ташаккули онҳо дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва масоили марбут ба он, асосҳои ҳуқуқии таъсис ва фаъолият, мавқеъ ё худ ҷойи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таҳлилу баррасӣ гардида, ба мушкилоти ҷойдошта дар ин самт диққати махсус дода шудааст.

Дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти маҷмӯии мавзӯи мазкур, ки дар он тамоми ҷанбаҳо ва унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шуда бошанд, ҷой надоранд. Вале ҷанбаҳои гуногуни ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудаанд. Аз ҷумла, натиҷаи фаъолияти илмии олимони зерини ватанӣ дар самти омӯзиш ва таҳлили унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ назаррас мебошанд: С.И. Иброҳимов, Б.Ҳ. Раззоқов, А.Д. Ғафурзода, Р.Н. Марифхонов, А.М. Диноршоев, Х.О. Ойев, Р.Ш. Сотиволдиев, З.М. Ализода, И.А. Имомов, З.М. Соибов, Ҷ.Ш. Қодиров, З.М. Раҳматова, Б.Ғ. Наимов, С.М. Сулаймонов ва дигарон. Дар баробари ин, таҳқиқи

ҷанбаҳои гуногуни унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби олимони зерин анҷом дода шудаанд: А.Н. Борисов, Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов, П.П. Глушенко, Г.Б. Романовский, В.И. Кайнов, А.П. Коренев, А.П. Алехин, А.А. Кармолитский, Д.Н. Бахрах, В.Ф. Халипов, Т.В. Шукина, Л.П. Юзков ва дигарон.

Унвонҷӯ вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар натиҷа хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро манзур намудааст, ки дар рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷдиди қонунгузории соҳа метавонанд нақши муҳим дошта бошанд.

Пажӯҳишгар Изатуллозода П.Н. дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, хулосаҳои худро бо далелҳои муътамади илмӣ ва андешаҳои муҳаққиқон асоснок кардааст. Аз ин рӯ, мазмуну муҳтаво ва хулосаҳои дар рисола пешниҳодгардида метавонанд дар таҳқиқотҳои илмии соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ истифода карда шаванд.

Унвонҷӯ барои таҳқиқи мавзӯи диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зеринро гузоштааст:

- муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои мақомоти назди Президенти ҶТ;
- муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ;
- таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ;
- омӯзиш ва таҳлили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ;

- муайян намудани мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

- таҳлили унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани табиати ҳуқуқии салоҳияти мақомоти назди Президенти ҶТ;

- самтҳои такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади илмӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқи диссертатсионӣ муаллиф 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи илмӣ дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расонида аст, ки дар маҷмӯъ 6,94 ҷузъи чопиро ташкил дода, мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд.

## I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Изатуллозода П.Н. Понятия и признаки органов при Президенте Республики Таджикистан [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2020. – №4/1 (48). – С. 155-160;

2. Изатуллозода П.Н. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе. – 2021, – № 2 (34). – С.164-177

3. Изатуллозода П.Н. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе. – 2021. – №3 (23). – С. 67-75

4. Изатуллозода П.Н. Таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2021. – №4/1 (53). – С. 156-163.

5. Изатуллозода П.Н. Хусусиятҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.Д. Ғафурзода, П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе. – 2022. – №2. – С. 122-131

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд:**

6. Изатуллозода П.Н. Принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ: таърихи пайдоиш ва аҳамияти он. [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2020. – С. 84-94.

7. Изатуллозода П.Н. Касбият ва салоҳиятнокии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун принсипи таъминоти кадрӣ дар мақомоти давлатӣ. [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе. – 2020. – С. 313-316

8. Изатуллозода П.Н. Нормативно-правовые основы организации и деятельности органов при Президенте Республики Таджикистан [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назаривӣ “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 280-287

9. Изатуллозода П.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ" дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 124-128

10. Изатуллозода П.Н. Принсипҳои конститутсионӣ ва нақши онҳо дар ташкил ва баамалбарории фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати хориҷӣ" дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе. – 2021. – С. 71-88

11. Изатуллозода П.Н. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалиии муқоивимат бо коррупсия таҳти унвони "Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо" дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 472-483

12. Изатуллозода П.Н. Асосҳои ҳуқуқӣ ва давраҳои ташаккули Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода, М.Р. Каримов // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он" Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2021. – С. 85-93

Ҳамин тариқ, диссертатсияи унвонҷӯ Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар, суратмаҷлиси № 3 аз 8-уми ноябри соли 2022.

**Раиси ҷаласа:** мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва хизмати давлатии факултети
идоракунии давлатии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент Саъдиев И.З.

**Котиби ҷаласа:** Нураётова Ш.А.

Имзои Саъдиев И.З.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О

“ 8 ” 11 2022 с.